Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019

назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ТАҚРИЗИ

рохбари илмӣ ба диссертатсияи Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович дар мавзуи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).

Дар таҳқикоти диссертатсионии Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович масъалаҳои назариявӣ ва амалии таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Таъини ҷазо яке аз даврахои муҳими татбиқи қонуни ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта он дар асосӣ принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ амалӣ мегардад. Дар КҶ ҶТ 1998 сол низ боби алохида (боби 10) маҳз ба масъалаҳои таъини ҷазо бахшида шудааст, ки дар он ҳам асосҳои умумии таъини ҷазо, ки аз руи ҳар як паравандаи ҷиноятӣ ҳатмӣ мебошанд ва ҳам қоидаҳои махсуси таъини ҷазо ба танзим дароварда шудааст.

Моддаи 63 КҶ ҶТ ҳамчун қоидаи махсуси сабуксозии ҷазо, имконияти таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, муқаррар месозад.

Дар таҷрибаи судӣ ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки вақте хусусиятхои шахсияти гунаҳгор ва ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ аз он шаҳодат медиҳанд ва ба шахси гунаҳгор таъин намудани ҷазои вазнин зарурат надорад. Қонуни ҷиноятӣ дар чунин ҳолатҳо ба судҳо имконияти сабук намудани ҷазоро пешниҳод намудааст.

Бо истифода аз м.63 КҶ ҶТ суд ҳуқуқ дорад, ҷазоро аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ пешбинигардида камтар таъин намояд ё суд метавонад нисбат ба ҷазое дар ин модда пешбинигардида ҷазои сабуктар таъин намояд ё ҷазои иловагиеро, ки ба сифати ҷазои ҳатмӣ пешбинӣ шудааст, таъин накунад.

Институти таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, барои татбиқи дуруст ва самаранокӣ сиёсати давлат дар самти мубориза бо ҷиноятқорӣ мусоидат менамояд. Чунки татбиқи институти мазкур барои васеъ истифода шудани ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ вобастанабуда ва камтар таъин гаштани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ имконият медиҳад.

Вале, таҷрибаи судии солҳои охир, нишон медиҳад, ки институти таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазои барои ин ҷиноят пешбини шудааст ба мукаммалгардонӣ ниёз дорад. Зеро, дар ин давра, дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти алоҳидаи назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалӣ оид ба институти мазкур, анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, аз нигоҳи назариявӣ, ва амалӣ анҷом додани таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазои барои ин ҷиноят пешбинишудааст, зарурат дорад.

Ҳамин тавр, муккамалгардонии танзими қонунгузорӣ ва таҷрибаи татбиқнамоии таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазо, ки барои ин ҷиноят пешбини шудааст бидуни ба роҳ мондани тадқиқотҳои эмпирикӣ ва таҳлили илмии натиҷаҳои он имконнопазир мебошад.

Тадқиқоти. мазкур ба таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазо, ки барои ин ҷиноят пешбинишудааст дар ҳамбастагӣ бо омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи судӣ вобаста ба институти мазкур, ошкор намудани масоил ва мушкилиҳои дар ин самт ҷойдошта ва коркарди тавсияҳо оид ба ҳалли проблемаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалӣ равона гардидааст.

Бояд зикр намуд, ки барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда унвонҷӯ вазифаҳои зеринро дар назди худ гузоштааст:

– таҳлил намудани асосҳои умумии таъини ҷазо тибқи меъёрҳои КҶ ҶТ;

– муайян намудани мафҳумҳои ҳуқуқии таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст;

– гузаронидани таҳлили комплексии муқоисавӣ-ҳуқуқии таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, дар қонунгузории ҶТ ва як қатор давлатҳои пасошӯравӣ;

– ошкор намудани асосҳои ва мазмуни муқарароти пешбининамудаи м. 63 КҶ ҶТ;

– таҳлил намудани тарзҳои тадбиқи муқарароти пешбининамудаи м. 63 КҶ ҶТ;

– коркарди таклифу пешниҳодҳо оид ба такмил додани қоидаҳои меъёри 63 КҶ ҶТ ва дигар муҷарароти КҶ ҶТ.

Объекти таҳқиқотро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки тадбиқи м. 63 КҶ ҶТ алоқаман мебошад.

Мавзуи (предмет) таҳқиқотро меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин меъёрҳои қонунгузории кишварҳои хориҷӣ оид ба таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст дар бар мегирад

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ. Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки баъди қабули КҶ ҶТ соли 1998 диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти мукаммали илмӣ оид ба таъини

ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, ба шумор рафта ба таҳлили системавии меъёрӣ дар м. 63 КҶ ҶТ мустаҳкам шуда, таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии ватанӣ бо қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ вобаста ба тағйироту иловаҳои охирони ба ин қонунгузориҳо воридшуда оид ба масъалаи баррасишаванда бахшида шудааст.

Пешниҳодҳои дар диссертатсия иброзшуда имконият медиҳад, ки меъёри дар м. 63 КҶ ҶТ мустаҳкамшуда такмил дода шуда, бо ворид кардани иловаҳо ба Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо" аз 24 феврали соли 2005, фаъолияти судҳо дар ин самт ба тартиби ягона муайян карда шавад.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асосҳои методологии таҳқиқотро методи диалектикии маърифат ташкил медиҳад, ки он имкон медиҳад то ҳаматарафа объектҳои таҳлилшаванда омӯхта шаванд. Ин усул инчунин имкон дод, ки оқибатҳои сабабгори ҳодисаи таҳлилшаванда дар пайвастагӣ муайян карда шавад. Ғайр аз ин дар таҳқиқот ба таври васеъ методҳои умумиилмӣ ва махсус истифода гардидаанд. Аз ҷумла усулҳои таҳлил, синтез, муқоиса, индуксия, дедуксия, муқоисаи ҳуқуқӣ, системавӣ-таҳлилӣ, тафсири таърихӣ ва расмӣ мебошанд.

Асосҳои назариявии. Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба проблемаҳои таъини ҷазо ташкил медиҳад. Дар рафти таҳқиқот қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва давлатҳои пасошӯравӣ, Қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ оид ба масъалҳои таъини ҷазо мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар таҳияи рисола, муаллиф ба асарҳои Т.Ш Шарипов, А.А. Абдурашидов, И.Ҳ. Бобоҷонзода, З.А. Камолов, С.Т. Мирзоев, А.И. Сафарзода, И.Р. Тӯлиев, Е.В. Благов, И.Э. Звечаровский, Л.Л. Кругликов, А.А. Нечепуренко, М.Н. Становский, Р.Н. Хамитов, М.Т. Гараев, В.М. Степашин, В.И. Зубкова, А.И. Кочкарев, Т.В. Николаева, А.М. Мифтахов, И.В. Михайленко ва А.Е. Куковякин ва дигарон такя намудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот - дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар инкишофи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар масъалаҳои муайян намудани асосҳои таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, истифодаи ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо саҳми худро гузоранд. Натиҷаҳои диссертатсия мумкин аст, дар коркарди минбаъдаи масъалаҳои таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, истифода шавад. Аҳамияти амалии диссертатсия дар он ифода мегардад, ки хулоса ва пешниҳодҳои дар кор ҷойдошта мумкин аст, дар рафти такмилдиҳии минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судҳо хизмат намояд.

Ғайр аз ин, маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни омӯзиши курсҳои таълимии Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва курси махсуси "Асосҳои таъини ҷазо", ҳангоми тайёр намудани мавод ва васоитҳои таълимӣ, дар ҷараёни таълим ҳангоми хондани лексияҳо, гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ ва амалӣ истифода шаванд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгуйи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 2 боб ва 8 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот бо он муайян мегардад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар рушд ва такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин такмили амалияи аз ҷониби судҳо таъин намудани ҷазо саҳми назаррас дошта бошанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович дар мавзӯи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи
ҷиноятӣ ва муқовимат бо
коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Шарипов Т.Ш.**

Суроғa: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 918408600

Имзои Шарипов Т.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ **Тавқиев Э.Ш.**
«28» 03 2022 с.